**Тақризи**

муқаррризи расмӣ ба кори илмии Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05. – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пешниҳод шудааст

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонзода Нигина Қурбон пешниҳод мекунад, ки раванду шартҳои омодагии омӯзгориояндаи фанни информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Аз ин лиҳоз тағйироте, ки дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омад, бо рушди воситаҳои компютерӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ алоқаманд буд. Ин тағйирот имконият фароҳам овард, то муҳити нави иттилоотию таҳсилотӣ ташаккул ёбад, ки барои рушди низоми маориф асос мегузорад.

Аз ин нуқтаи назар, унвонҷӯй мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ ва санҷидани фарзияи пешниҳодшуда вазифаҳои зерини таҳқиқот муайян шуданд:

1. Таҳлили асосҳои назариявии омӯзиши интерактивӣ дар педагогика.
2. Омӯзиши равишҳои муосири тайёр кардани омӯзгорон дар низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Коркарди амсилаи омодагии омӯзгориояндаи фанни информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим.
4. Таҳия ва санҷиши маҷмӯи усулҳо ва технологияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятҳои омӯзгорони оянда барои татбиқи воситаҳои интерактивии таълим нигаронида шудаанд.

5. Арзёбии самаранокии татбиқи амсила ва технологияи таҳияшуда дар раванди тайёр намудани омӯзгорон.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонзода Нигина Қурбон дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод шудааст. Мо боварӣ дорем, ки ошкорсозӣ ва асосноккунии назариявӣ ва дар озмоиш мавриди санҷиш қарор додани шароитҳои педагогии омодасозии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир дар соҳаи муайяни дониш мебошад.

Дар баробари ин, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонзода Нигина Қурбон дар таҳқиқоти илмии хеш таҳқиқу таҳлили мушкилотҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи кори илмии хуб ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ниҳоят мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ менамоем. Зеро аз ҷониби муаллиф бо назардошти вазифаҳои матраҳгардида, маҷмуи методҳои таҳқиқотие ба кор бурда шуданд, ки якдигарро пурра мекарданд ба монанди методҳои назариявӣ, эмпирии (таҷрибавӣ) ва оморӣ коркарди оқилонаи онҳо рӯйи кор омадаанд.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:* Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Қурбонзода Нигина Қурбон, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

– мафҳуми «воситаҳои интерактивии таълим» ҳамчун воситаи фаъолияти касбии омӯзгори информатика барои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон дақиқ гардид;
– моҳияти омодагии омӯзгориояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ҳамчун сифати арзишманди салоҳиятнокии касбӣ муайян шуд;

– амсилаи омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим тарҳрезӣ гардид (сохтор, сатҳҳо, марҳалаҳои ташаккули омодагӣ);
– технологияи омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим коркард шуд;
– имконияту меъёрҳои педагогӣ муайян гардидаанд, ки ба самаранокии омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим мусоидат мекунанд.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти илмӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1. Консепсия оид ба воситаҳои интерактивии таълим ҳамчун воситаҳое, ки фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро тавассути таъсироти мутақобили иштирокчиёни раванди таълим дар рафти муколамаи интерактивӣ таъмин менамояд.
2. Амсилаи тарҳрезишудаи омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим, ки аз чунин қисмҳои таркибӣ: когнитивӣ-амалиётӣ, воситавӣ-фаъолиятӣ, рефлексивӣ-эҷодӣ иборат аст.
3. Технологияи педагогии омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ва тавсифи он, ки ҷузъҳои зеринро фаро мегирад: мақсаднок, мундариҷавӣ, протсессуалӣ.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда*, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муқаррароти фалсафӣ оид ба моҳияти шахсият, робитаи диалектикии раванди маърифат ва фаъолияти инсон дар рушди шавқу рағбат ва эҳтиёҷот; таълимот дар бораи моҳияти психологии шавқи маърифатӣ, нақши пешбари фаъолият дар ташаккули шахсият; муқаррарот оид ба ягонагии назария ва амалия; консепсияҳои психологию педагогӣ оид ба маҳорати методии омӯзгор муайян карданд, таъмин карда шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, унвонҷӯй таҳқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Саҳеҳият ва асоснокии илмии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тавассути далелҳои методологии амалияи муқаррарот аз он иборат аст, ки хулосаҳои гирифташуда дар рушди илми педагогика бо асоснокии методологии муқаррароти назариявии ибтидоӣ; истифодаи низоми методҳои ҳамдигарро пурракунанда, ки ба мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд; маводи таҷрибавӣ, ки дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба даст омад; мониторинги мунтазами натиҷаҳои таҳқиқот дар

марҳалаҳои гуногуни он; асоснок будани ҳаҷми интихобҳо; аҳаммияти омории маълумоти озмоишӣ таъмин гардид.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 13 номгӯйи мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла, 4 номгӯйи онҳо, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:* арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд, инчунин комплексҳои таълимӣ-методӣ оид ба амалисозии омодагии омӯзгори оядаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим метавонанд дар донишгоҳҳои педагогӣ, институтҳои такмили ихтисос барои фаъолияти самаранок ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии омӯзгорони информатика истифода шаванд, амсила, технологияи педагогии коркардшуда ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки роҳбарии педагогии раванди мазкурро омӯзгорон метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи амалӣ корбаст намоянд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:* Муқарраротӣ асосӣ ва натиҷаҳои кори илмӣ солҳои 2020-2024 гузаронида шудааст. Муқарраротӣ асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров муҳокима карда шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои дар кор баёнгардида, таъминоти технологияи ташаккули тарзи инноватсионии тафаккур тавассути муҳокимаи маводҳои диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-методӣ ва конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ анҷом дода шудаанд, ки самаранокии кори илмило собит менамояд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:* Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05. – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

*Боби аввал «Асосҳои методологӣ ва назариявии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим»* аз се фасл иборат аст, ки моҳият, мундариҷа ва аҳаммияти воситаҳои интерактивии таълим дақиқ гардид, имконияти педагогии воситаҳои интерактивии таълим ва методҳои муосири назорат ва баҳодиҳии дастовардҳои таълимии педагогҳои оянда ошкор шуд ва тарҳрезии педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим анҷом дода шуд.

*Фасли якуми боби якум «Моҳият, мундариҷа ва аҳаммияти воситаҳои интерактивии таълим дар фаъолияти таълимӣ»* бахшида шуда, вобаста ба доираи масъалаҳои он тамоюлҳои нав дар таҳсилоти муосир, аз ҷумла, гузариш ба таҳсилоти инкишофдиҳандаи шахсият, таъмини ташаккули натиҷаҳои нави он, татбиқи ғояҳои дидгоҳи фаъолиятӣ, мусаллаҳ гардидани мактабҳо бо таҷҳизоти компютерӣ ва ғайра баррасӣ шудаанд.

Бо такя ба таълифоти олимони ватаниву хориҷӣ таъкид бояд кард, ки дар баробари густариш пайдо кардани захираҳои электронии таълим ноилшавӣ ба сатҳи баланди сифати таълим муҳим аст, бинобар ин, таҷдиди мундариҷа, методҳо ва шаклҳои таълим зарур аст.

*Дар фасли дувуми ин боб «Имконияти педагогии воситаҳои интерактивии таълим ва методҳои муосири назорату баҳодиҳии дастовардҳои таълимии педагогҳои оянда»* таъкид гардидааст, ки инноватсияҳои методии муосир пеш аз ҳама, бо татбиқи воситаву методҳои интерактивии таълим алоқаманданд. Ҳангоми истифодаи методу шаклҳои таълими интерактивӣ дар рафти кор бо донишҷӯён ба он диққат бояд дод, ки дар раванди таълими интерактивӣ омӯзгори оянда якчанд мавқеи асосӣ дошта, навъҳои муайяни фаъолиятро иҷро мекунад. Чунончи, ӯ дар мавқеи ташкилкунанда таъсироти мутақобили хонандагон ва маводи таълимро ба роҳ монда, иҷрои супоришҳои инфиродӣ ва гурӯҳиро ҳамоҳанг мекунад, ташкили баррасии коллективии (гурӯҳии) натиҷаҳо анҷом медиҳад; дар мавқеи мушовир-ёрирасон омӯзгор ба таҷрибаи донишҷӯён муроҷиат карда, онҳоро ба ҷамъоварии мустақилонаи маълумоти нав, ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои вуҷуддошта ва гузориши масъалаҳои нав водор месозад.

Бо мақсади рушди маҳорати амалии омӯзгорони оянда оид ба ташкили таълими интерактивӣ ба онҳо вариантҳои гуногуни истифодаи воситаҳои фикрӣ-техникӣ, иҷтимоию техникӣ ва равонию техникии ташкили раванди таълим пешниҳод мегардад. Технологияи ҳалли гурӯҳии муаммо воситаи

асосии фикрӣтехникии ташкили раванди кор дар технологияи интерактивӣ аст. Таваҷҷуҳи омӯзгорони ояндаро методи ташкили кори гурӯҳӣ-модератсия ба худ ҷалб менамояд.

*Фасли сеюми боби якум «Тарҳрезии педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим»* қарор дорад. Таъкид гардидааст, ки омили муҳимтарини татбиқи бомуваффақияти таълими интерактивӣ дар мактаб омодагии аз ҷиҳати педагогӣ асосноки омӯзгориояндаи информатика аст, зеро танҳо дониши хуби информатика омодагии самараноки омӯзгорони ояндаро барои пешниҳоди маводи таълим дар шакли интерактивӣ кафолат дода наметавонад. Ҷамъбасти таҳлили низоми шаклгирифтаи омодасозии омӯзгорониояндаи информатика дар заминаи таҳқиқоти дахлдор нишон дод, ки ба он самтгирӣ бештар ба ҷанбаи технологии омӯзиш хос мебошад: ҷиҳатҳои барномавӣ-техникии тарзҳои кор бо таъминоти барномавии компютер, тахтаҳои электронӣ, воситаҳои Интернет.

*Боби дуюм «Технологияи педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим»* аз ду фасл иборат аст. Ба баррасии ҷанбаи муҳтавои технологии педагогӣ-мувофиқи омодасозии омӯзгорониояндаи фанни информатика барои истифодаи васоити интерактивии таълим ва санҷиши самаранокии ин технология дар доираи таҷриба бахшида шудааст.

*Фасли якуми боби дуюм «Мундариҷаи технологияи педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим»* Дидгоҳҳои олимони соҳа оид ба низоми методии таълим баррасӣ гардида, мундариҷа ва ҷузъҳои методикаи ташаккули омодагии омӯзгориояндаи фанни информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим муайян карда шудаанд, ки аз ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷавӣ ва равандӣ (протсессуалӣ) иборатанд. Дар идома, тавсифи ҷузъҳои технология бо такя ба тафсирҳои мавҷуда анҷом ёфта, низоми мақсадҳо, сатҳҳои тарҳрезии мундариҷаи таълим ва моҳияти ҷузъи равандӣ равшан ва мушаххас гардонида шудаанд.

Дар доираи ин фасл ҳамчунин алгоритми таҳияи воситаҳои интерактивии таълимӣ барномавӣ коркард шуд, ки донишҷӯён дар тамоми марҳалаҳои ташаккули омодагӣ барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим корбаст мекунанд.

*Фасли дуюми боби дуюм «Самаранокии технологияи педагогии омодагии омӯзгори оянда ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим»* дар рафти озмоиши педагогӣ санҷида шуд.

Озмоиши педагогӣ дар се марҳала гузаронида шудааст:

муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда, баҳодиҳанда гузаронида шуд.

Дар марҳалаи муқарраркунанда дар солҳои 2019-2020 бо донишҷӯёни курси 4-ум ва омӯзгорони информатика анкетаву пурсиш гузаронида, дарсҳои онҳо бо мақсади ташхиси ташаккулёбии омодагии онҳо барои истифодаи ВИТ таҳлил шуданд. Натиҷаҳои пурсиш мавҷудияти як қатор муамморо дар соҳаи омодагии омӯзгорон барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ошкор карданд. Аз ҷумла, аксари омӯзгорон барои ҳалли муаммоҳои методӣ бо истифодаи воситаҳои интерактивии таълим омода нестанд ё онҳоро лаҳзавӣ истифода мебаранд; муаррифиҳое, ки омӯзгорон мустақилона таҳия кардаанд ё аз Интернет дарёфтаанд, аксар вақт ҳамчун ёрирасон истифода мешаванд ва ғайра.

Дар натиҷаи таҳлили анкета ошкор гардид, ки аксари донишҷӯён бо вуҷуди омодагии технологии баланд барои истифодаи ВИТ омода нестанд: 70% донишҷӯён сатҳи пасти омодагиро нишон доданд, 30% сатҳи миёнаи омодагиро нишон доданд, сатҳи баланди омодагии омӯзгори информатика умуман ошкор нагардид.

Марҳалаи ташаккулдиҳандаи озмоиш се қисмро фаро гирифт: ангезавӣ, технологӣ, ташкилӣ-методӣ.

Дар марҳалаи ангезавӣ таълим асосан дар рафти омӯзиши курсҳои анъанавӣ амалӣ гардида, воҳидҳои иловагии дидактикӣ истифода шуданд, донишҷӯён маърӯза ва рефератҳоро бо мақсади таҳлили муқоисавӣ омода карданд, байни онҳо мубоҳисаҳо баргузор шуда, онҳо таҳияи маводи дидактикиро бо ёрии сервисҳои Интернет анҷом доданд. Намунаҳои супоришҳое, ки ба донишҷӯён дар рафти омӯзиши фанни «Таъминоти барномавии МЭҲ» ва дар таҷрибаомӯзии компютерӣ зимни таҳияи муаррифиҳои таълимии компютерӣ пешниҳод гардиданд, дар доираи ин фасл оварда шуданд.

Қисми ташкилӣ-методии ташаккули омодагӣ ба татбиқи мақсади истифодаи воситаҳои интерактивии таълим дар доираи курсҳои информатикаи силсилаи касбӣ равона гардида, дар доираи он супоришҳо ҷиҳати дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати банақшагирии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон бо истифодаи воситаҳои интерактивии таълим, гузарони дани таҳлили ба мақсад мувофиқ будани воситаҳои интерактивии таълими дар дарсҳо истифодашаванда; тарҳрезии дарс дар мувофиқат бо вазифаҳои дидактикии гузошташуда таҳия шуданд. Дар ин самт ба истифодаи мақсадноки технологияи иттилоотӣ ва воситаҳои интерактивии таълим таъкид шуда, алгоритмҳои тарҳрезии дарс бо истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ба донишҷӯён пешниҳод гардиданд.

Тадқиқот бо намуна натиҷаҳои ташхиси муқоисавии омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи ВИТ дар гурӯҳҳои озмоишӣ (3 нафар) ва назоратии (25 нафар) донишҷӯёни ихтисоси 032100.00 «Математика» бо ихтисоси иловагии «Информатика» дар ибтидо (соли таҳс. 2020-2021) ва интиҳои озмоиш (соли таҳс. 2021-2022) оварда мешаванд, ки динамикаи мусбатро дар гурӯҳи озмоишӣ нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои озмоиш нишон доданд, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ динамикаи мусбат дар ташаккули омодагӣ ба таври назаррас афзудааст, махсусан дар марҳилаи мотивасионӣ. Муҳим аст, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ омодагии бештареро барои истифодаи системаҳои интерактивӣ дар шароити таълимӣ дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ нишон доданд. Ин дар пешравии гурӯҳи таҷрибавӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушд ба таври равшан намоён буд, бо беҳбудиҳои назаррас байни ду нуқтаи ҷамъоварии маълумот пайгирӣ карда шаванд.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Унвонҷӯ дар таҳқиқи рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассисе, ки солҳои зиёд дар соҳаи маориф ва илми кишвар кору фаъолияти муназзам намудааст ва донандаи хуби кадрҳои ҷавони соҳаи маориф ва илм мебошад, худро муаррифӣ карда тавонистааст. Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбонро кори илмии баанҷомрасида ва арзиши илмии назариявӣ ва амалидошта ҳисобид.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, аз он ҷумла:

1. Ба ақидаи унвонҷӯ дар яке аз бандҳои навгониҳои илмии таҳқиқот чунин омадааст: «-амсилаи омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим тарҳрезӣ гардид (сохтор, сатҳҳо, марҳалаҳои ташаккули омодагӣ)». Барои амалӣ намудани ин банд, дар раванди таҳсилот кадом масъалаҳо бештар мусоидат менамояд.
2. Номи мавзуи кори илмӣ, ки «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи

муосир» номгузори шудааст асосан ба самти омоданамоии омӯзгорони оянда равона шудааст, аммо диссертант дар номгузорӣ ва сохтори диссертатсия омӯзгорони ояндаро дар назар дорад таҳлилҳои муқарризи расмӣ нишон медиҳад, ки аз боби 1-ум, боби 2-юм ва хулосаю тавсияҳои кори илмӣ сухан дар бораи хонандагон меравад, хуб мешуд ки, дар номгузорӣ ва сохтори илмии рисола ба ҷойи истилоҳи хонандагон донишҷӯёнро истифода менамуд.

3. Дар баъзе ҷойҳо истилоҳоти илмӣ ё техникӣ на ҳамеша равшан ва фаҳмо пешниҳод шудаанд, масалан, «воситаҳои интерактивии таълим» дар саҳифаҳои 30, 77, 78, 83, 85, 141 дар ибтидо бояд бо таърифи мухтасар ва равшан муаррифӣ мешуд, ин метавонад мавзуи илмиро хеле васеъ ва оммафаҳм гардонад, аммо дар рисолаи илмӣ ин масъала, ки ҷавҳари рисолаи илмиро инъикос менамоян маҳдуд оварда шудааст.
4. Дар баъзе ҷойҳои рисолаи илмӣ мазмунҳо ба ҳам омезиш ёфтаанд, ки метавонанд фикри хонандаи рисолаи илмиро парешон менамояд. Масалан, бахши таҳлил ва бахши таърифҳо бо ҳам омезиш ёфта, боиси мураккаб шудани матни рисолаи илмӣ мешаванд, саҳифаҳои 19 ва 141.
5. Дар таҳқиқот гуфта мешавад, ки масъалаҳои истифодаи ВИТ дар МТОК таҳқиқ шудаанд, вале дақиқан аз кадом фан, сатҳ, синф, кадом гурӯҳҳо маълум нест, хуб мешуд ки дар қисми озмоишҳои педагогӣ объект ва предмети таҳқиқот бояд дар доираи мушаххас, воҳиди таҳлил ва соҳаву сатҳи омӯзиш равшан муайян карда мешуд.
6. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикиро дидан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро баланд менамояд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба арзиши илмиву амалии диссертасия ягон таъсир намерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ**

1. Диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ худ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.
3. Диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон, ки дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05. – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пешниҳод шудааст, ба

талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
дотсени кафедраи технологияи рақамӣ
ва амнияти киберии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Файзализода Баҳрулло Файзалӣ

«18» 09 .2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22. E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Имзои Файзализода Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон А.Н. Насурдинзода

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992) (37) 224-17-86; 224-17-86. E-mail: info@apa.tj